# ҚАРОРИ
## РАЁСАТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

аз «14» апрели соли 2025 № 57 ш. Душанбе

Дар бораи Кодекси намунавии тавсиявии одоби касбӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ

Мутобиқи сатри 57 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314 тасдиқ гардидааст ва бо дастрасии моддаи 77 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Кодекси намунавии тавсиявии одоби касбӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ иҷрои қарори мазкурро таъмин намуда, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ дар бораи қабули Кодекси намунавии тавсиявии одоби касбӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ маълумот расонад.
3. Назорати иҷрои ҳамин қарор ба зиммаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон – сарпарасти идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ гузошта шавад.

Раиси Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад

Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «14» апрели соли 2025, №57
тасдиқ шудааст

Кодекси намунавии тавсиявии
одоби касбӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ

Кодекси намунавии тавсиявии одоби касбӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ (минбаъд - Кодекс) бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати одобу рафтор ва ахлоқи кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ (минбаъд - ТҚМ) ва ташкилотҳои суғуртавӣ (минбаъд - ТС) таҳия гардида, маҷмуи меъёрҳо, принсипҳо, қоидаҳои рафтори хизматӣ ва ғайрихизматӣ, муносибатҳои корӣ ва уҳдадориҳои кормандони ТҚМ ва ТС, ки сифатҳои ахлоқии рафтори касбӣ ва рафтори онҳоро дар байни аҳли ҷомеа таҷассум намуда, ифодагари арзишҳои эътирофшудаи ахлоқи инсонӣ мебошанд, муқаррар менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар Кодекси мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **бархӯрди манфиатҳо** – ҳолати манфиатдории шахсие, ки ба иҷрои беғаразона ва холисонаи вазифаҳои мансабӣ таъсир расонда метавонад;
-**рафтори хизматӣ** – рафтор ва муносибати корманди ТҚМ ва ТС, ки ҳангоми ба кор омадан ва аз кор рафтан, иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ, иштирок дар маҷлису машваратҳо, ҳангоми дар сафари хизматӣ будан ва чорабиниҳои дигар зоҳир мегардад;
- **рафтори ғайрихизматӣ** – рафтор ва муносибати корманди ТҚМ ва ТС, ки ба иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ алоқамандӣ надошта, берун аз вақти корӣ дар ҷомеа зоҳир мегардад.

2. ТҚМ ва ТС метавонанд, ки дар асос ва заминаи Кодекси мазкур Кодекси одоби касбии дохилии худро таҳия ва қабул намоянд.

3. Муқаррароти Кодекси одоби касбии дохилии ТҚМ ва ё ТС нисбат ба ҳама кормандони онҳо ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ новобаста ба вазифаи ишғолкарда татбиқ мегардад.

4. Шахсоне, ки ба ТҚМ ва ТС ба кор қабул карда мешаванд, бо муқаррароти Кодекси одоби касбии дохилии ташкилот шинос шуда, талаботи

онро ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматӣ дастури амал қарор медиҳанд.

## 2. ПРИНСИПҲОИ ОДОБИ КОРМАНДИ ТҚМ ВА ТС

5. Кодекси мазкур ба принсипҳои одоби корманд, ки аз принсипҳои корӣ бармеоянд асос ёфта, корманди ТҚМ ва ТС метавонад фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматии худро дар асоси принсипҳои зерин анҷом диҳад:

**1) қонуният** - риояи дақиқ ва иҷрои пурраи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст;

**2) афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд** – таъмини ҳифз ва мусоидат ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин эҳтироми ҳуқуқу манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявие, ки ба ТҚМ ва ТС муроҷиат намудаанд;

**3) садоқат ба Ватан ва ба халқи Тоҷикистон** – ҳисси муҳаббат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон, садоқат ба сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи муқаддас донистани ҳифзи Ватан, хизмати содиқона ба Ватан ва ҷомеаи Тоҷикистон, дарки қарзи шаҳрвандӣ ва касбии худ дар назди ҷамъият ва давлат, пурра ва сари вақт иҷро намудани талаботи меъёрҳои қонунгузории амалкунанда;

**4) инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ –** эҳтиромона муносибат намудан ба инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он, ки арзиши олӣ мебошанд, одилона, бовиҷдонона амал намудан, таъмини риояи адолати иҷтимоӣ зимни қабули қарорҳо;

**5) шаффофият дар раванди кор** – пешниҳоди маълумоти шаффоф дар бораи фаъолияти ТҚМ ва ТС ба ҷомеа, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма, ба истиснои маълумоте, ки сирри давлатӣ ва дигар сиррӣ бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад;

**6) таҳаммулпазирӣ –** эҳтиром ва дуруст дарк намудани фарҳангҳои мухталиф, рафтор, одат, ақида, дин, эҳтиромона муносибат намудан бо ҳамкорон, муштариён, тобеон ва аҳли ҷомеа**;**

**7) поквиҷдонӣ ва беғаразӣ –** татбиқи идоракунии самаранок, роҳ надодан ба бархӯрди манфиатҳо, амалҳои коррупсионӣ, аз рӯйи таъинот ва ба нафъи умум истифода кардани воситаҳои моддию пулӣ, беғаразӣ дар қабули қарорҳо;

**8) қатъият –** муносибати сахтгирона ва масъулият дар иҷрои вазифаҳои ТҚМ ва ТС ва уҳдадориҳои вазифавӣ;

**9) касбият ва салоҳиятнокии корманди ТҚМ ва ТС –** доштани донишҳои мушаххаси касбӣ, тахассус, маҳорат, малака, сифатҳои ташкилӣ, ташаббускорӣ, шахсӣ, қобилияти идоракунӣ, маҳорати роҳбарӣ,

маъсулиятнокӣ ва ботаҷрибагӣ, ки асоси иҷрои бомуваффақонаи уҳдадориҳои вазифавӣ мегарданд;

**10) таҳаммулнопазирӣ ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ** – аз ҷониби ТҚМ ва ТС, кормандони онҳо ғайриқобили қабул донистани қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар кадом шакле, ки онҳо зоҳир нагарданд, инчунин андешидани чораҳои дахлдор барои пешгирии онҳо;

**11) баландравии вазифавии корманд дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ –** таъин (интихоб) гардидан ба вазифаи дигар ё вазифаи баланд бе роҳ додан ба хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ;

**12) идоракунии корпоративӣ**– маҷмуи муносибатҳо байни кормандони роҳбарикунандаи ТҚМ ва ТС, Шурои нозирони он, саҳмдорон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор, ки ҳамчун механизми муайян кардани ҳадафҳои ташкилот ва назорат аз рӯи дастовардҳои онҳо хидмат намуда, ба тақсимоти дурусти ваколатҳо ва масъулият дар раванди қабули қарорҳои корпоративӣ дар ТҚМ ва ТС мусоидат менамоянд.

6. Кодекси мазкур ба дигар принсипҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрҳои муқарраргардидаи рафтор низ асос меёбад.

## 3. ҚОИДАҲОИ АСОСИИ РАФТОРИ ХИЗМАТӢ ВА ҒАЙРИХИЗМАТИИ КОРМАНДИ ТҚМ ВА ТС

7. Корманди ТҚМ ва ТС:

- ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, эҳтиром, риоя ва ҳифз намояд, ба таърихи кишвари худ, ба урфу одатҳои миллӣ ва фарҳангӣ эҳтиромона муносибат намояд, манфиати давлатро аз манфиати шахсӣ боло гузорад ва нисбат ба мурофиати шаҳрвандон бодиққат ва бомасъулият муносибат кунад;
- зери афкори шаҳрвандони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ қарор надошта бошад;
- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирии бархӯрди манфиатҳо, танзими ҳолатҳои ба вуҷуд омадани бархӯрди манфиатҳо ва истисно кардани амалҳое, ки бо таъсири манфиатҳои шахсӣ, молумулкӣ (молиявӣ), тиҷоратӣ ва дигар манфиатҳо алоқаманд ва ба иҷрои софдилонаи уҳдадориҳои вазифавӣ монеа эҷод менамоянд, чораҳо андешад;

- нисбат ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ бодиққат ва ҳалим буда, ба муроҷиати онҳо ботаҳаммул муносибат намояд, ба онҳо тартиби баррасии муроҷиат ва талаботи қонунгузории дахлдорро фаҳмонда, дар доираи салоҳияти худ қарор қабул намояд;

- аз изҳороту мулоҳиза ва арзёбии фаъолияти ТҚМ ва ТС, роҳбарияти он худдорӣ намояд, агар ин ба уҳдадориҳои вазифавии корманди ТҚМ ва ТС вобаста набошад;

- захираҳои дар доираи масъулияташ қарордоштаро самаранок истифода ва идора намояд;

- талабот нисбат ба пӯшидани сару либоси расмиро риоя намояд.

8. Корманди ТҚМ ва ТС одоб, рафтор ва ахлоқи намунавӣ дошта бошад.

9. Роҳбари ТҚМ ва роҳбари ТС барои фароҳам овардани шароити муносиби корӣ барои корманд чораҳои зарурӣ андешида, зимни интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ба хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ роҳ намедиҳанд.

10. Зимни таҳияи кодексҳои одоби касбии дохилӣ аз ҷониби ТҚМ ва ТС ба кормандон вазифаҳои зерин муайян шуда метавонад:

- бо маданияти баланди рафтор, зоҳири ороста, поквиҷдонию ростқавлӣ, покизагии ахлоқ, фурӯтанию хоксорӣ дар ҳаёти ҷамъиятию шахсӣ фарқ кунад;

- талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд, ҳамчунин аз тарафи аъзои оилаи худ риоя намудани онҳоро таъмин намояд;

- ба ҳамаи меъёрҳо, пеш аз ҳама кори софдилона, холисона ва босифат дар самти таҳкими обрӯи ТҚМ ва ТС, бе паст задани шаъну шарафи корманди ТҚМ ва ТС мусоидат намояд;

- дар вақти корӣ ва берун аз он бо рафтори намунавии худ барои пайдо шудани ҳисси эҳтироми шаҳрвандон нисбат ба ин касб, кӯшиш намуда, барои афзун намудани боварӣ ба низоми бонкиву суғурта ва нигоҳ доштани нуфузи эътибори он мусоидат намояд;

- ҳангоми ташаккули доираи муошırати худ бо эҳтиёт ва ҷиддӣ муносибат намуда, ба ин васила аз робитаҳое, ки обрӯю эътибори корманди ТҚМ ва ТС-ро паст мезананд, канораҷӯӣ намояд;

- тарзи ҳаёти солимро пеш барад ва барои ҳифзи саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзандон ғамхорӣ зоҳир намояд;

- ҳангоми муошират бо ҳамкорон ва муштариён ба суханони қабеҳу беэҳтиромӣ роҳ надиҳад, нисбат ба калонсолон ва атрофиён меҳрубонӣ ва эҳтиром зоҳир намояд;

- фаъолияти касбии худро ҳамон тавр амалӣ намояд, ки ба қобилияти ӯ шубҳа пайдо нашавад, бовиҷдонона ва беғаразона кор карда, ба шаъну шараф ва обрӯю эътибори кормандони ташкилот иснод наоварад.

11. Корманди ТҚМ ва ТС ҳангоми муошират бо шаҳрвандон ва ҳамкорон хушмуомила, боадаб, бодиққат ва таҳаммулпазир бошад.

## 4. МУНОСИБАТҲОИ КОРӢ

12. Ҳар як корманди ТҚМ ва ТС ба кор ва ҳамкасбони худ эҳтиром зоҳир намояд ва омода аст, ки дар бурду бохти умумии ҳамкорон шарик бошад.

13. Корманди ТҚМ ва ТС ҳангоми муошират бо истеъмолкунандагон ва шаҳрвандон ба суханони қабеҳ ва беэҳтиромӣ роҳ надиҳад, нисбат ба калонсолон ва атрофиён меҳрубонӣ ва эҳтиром зоҳир намояд.

14. Дар Кодексҳои одоби касбии дохилии ТҚМ ва ТС пешбинӣ шудани чунин меъёрҳо ба мақсад мувофиқ мебошад:

Корманди ТҚМ ва ТС уҳдадор аст, ки муносибатҳои кории зеринро риоя намояд:

- ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ масъулияти баланд нишон дода, кӯшиш намояд, ки сатҳи касбии худро пайваста такмил диҳад;
- донишҳои дар семинару курсҳои омӯзишӣ, конфронсҳо ва дигар чорабиниҳои таълимӣ гирифтаашро дар амал истифода бурда, ба ҳамкасбони худ расонидани ин донишҳо чораҷӯӣ намояд;
- бо ҳамкорон дар доираи салоҳият муносибати хуб ва самимиро ба роҳ мемонад;
- ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ва риояи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нисбати худ ва дигарон серталабӣ ва масъулиятшиносӣ зоҳир менамояд;
- кӯшиш намояд, ки ба ҳамкорон ва роҳбарият кӯмак кунад, инчунин дар ҳалли масъалаҳои корӣ ба онҳо муроҷиат намояд;
- дар муошират бо истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар доираи салоҳият ва уҳдадориҳои вазифавӣ мувофиқи дастурамалҳои вазифавӣ ва қонунҳо амал карда, дар ҳалли масъалаҳои душвор ботамкинона рафтор намуда, муомилаи хуб нишон диҳад;
- кӯшиш намояд, ки масъулиятшинос ва боинтизом буда, уҳдадориҳо ва супоришҳои ба зиммааш гузоштаи роҳбариятро сари вақт ва сифатнок иҷро намояд;
- забони давлатиро хуб донад ва барои донистани забонҳои русӣ, англисӣ ва дигар забонҳои хориҷие, ки зимни иҷрои уҳдадориҳои вазифавиаш зарур аст, кушиш намояд;

- маълумоти махфӣ ва дигар маълумотеро, ки сирри бонкӣ ва суғуртавӣ маҳсуб меёбад, ба таври эътимодбахш нигоҳ дорад.

15. ТҚМ ва ТС дар фаъолияти худ қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро дар кадом шакле, ки он зоҳир нагардад, бояд қобили қабул надонанд: Кормандони ТҚМ ва ТС талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро бечуну чаро иҷро менамоянд.

## 5. УҲДАДОРИҲОИ АСОСӢ ДАР РОБИТА БА ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МОЛИЯВӢ

16. Зимни таҳияи Кодекси одоби касбии дохилии ТҚМ ва ТС дарҷ гардидани чунин меъёр ба манфиати кор аст:

Ҳангоми муносибат бо истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, корманди ТҚМ ва ТС қоидаҳои зеринро риоя намояд:

- ба рафторҳои хурофотпарастӣ ва кашолкорӣ роҳ надиҳад;
- бо истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар асоси боварии мутақобила бо роҳи бастани шартномаҳо муносибат намояд;
- истилоҳоти ягонаи аз ҷониби умум қабулшударо истифода барад ва муносибати худро дар асоси одоб ва шарикии тиҷоратӣ ба роҳ монад;
- мутобиқати хизматрасониҳои молиявиро ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;
- дар бораи хизматрасониҳо ва маҳсулоти пешниҳодшаванда маълумоти пурраи заруриро пешниҳод намояд ва дар ҳалли масъалаҳое, ки барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ душворӣ ба миён меоранд, мусоидат намояд;
- сари вакт ва ҳамаҷониба муроҷиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро баррасӣ намояд.

## 6. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯИ ОДОБИ КОРМАНДОНИ ТҚМ ВА ТС

17. Назорати риояи Кодекси мазкур дар ТҚМ ва ТС аз тарафи комиссияи одоби корманди ТҚМ ва ТС (минбаъд-комиссия) амалӣ карда мешавад.

18. Комиссия оид ба одоб бо фармон ё фармоиши роҳбари ТҚМ ва роҳбари ТС дар ҳайати роҳбар (муовини роҳбари ТҚМ ва роҳбари ТС), котиб ва аъзои комиссия иборат аз 3-5 нафар аз ҳисоби кормандони воҳидҳои

сохтории дахлдор (идораи ҳуқуқ ва кормандон, аудити дохилӣ, шуъбаи амният) ва кумитаи иттифоқи касабаи кормандон таъсис дода мешавад ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур фаъолият менамояд.

19. Раиси комиссия аз ҳисоби дигар кормандони роҳбарикунандаи ТҚМ ва ТС, ба истисноби роҳбари ТҚМ ва роҳбари ТС интихоб карда мешавад.

20. Узви комиссия дар ҷаласа бе ҳуқуқи ивазшавӣ иштирок мекунад.

21. Комиссия аз рӯйи асосҳои зерин ҷаласа доир менамояд:

- бо супориши роҳбари ТҚМ ва роҳбари ТС;

- муроҷиати корманд;

- муроҷиати хаттии истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ ва шаҳрвандон;

- ҳангоми аз тарафи комиссия ошкор гардидани ҳолатҳои риоя нашудани талаботи Кодекси мазкур.

22. Ҷаласаҳои комиссия аз рӯйи зарурат гузаронида мешаванд.

23. Комиссия ҷаласаи худро дар муддати 14 рӯзи корӣ аз рӯзи ошкор шудани ҳолатҳои риоя нагардидани талаботи Кодекси мазкур доир менамояд.

24. Ҷаласаи комиссия ҳамон вақт салоҳиятнок ҳисобида мешавад, агар дар кори он аз се ду ҳиссаи ҳайати он иштирок дошта бошанд.

25. Комиссия аз ҳисоби аъзои комиссия оид ба масъалаи дар ҷаласаи комиссия баррасишаванда гузоришгарро муайян намуда, аз шахсони дахлдор оид ба ҳолати вайрон гардидани қоидаҳои Кодекси мазкур баёнот мегирад.

26. Комиссия дар доираи салоҳияти худ аз натиҷаи муҳокима яке аз қарорҳои зеринро қабул намуда, ба роҳбари ТҚМ ва роҳбари ТС пешниҳод менамояд:

- дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани корманд;

- дар бораи қатъ намудани маводи санҷиш.

27. Қарори комиссия дар ғоибии корманд бо овоздиҳии аксарияти иштироккунандагони ҷаласа қабул карда мешавад. Ҳангоми баробар будани овозҳо овози раиси комиссия оид ба одоб ҳалкунанда ҳисоб меёбад.

28. Рафти ҷаласаи комиссия ва қарори он бо протокол ба расмият дароварда мешавад.

29. Ба протокол раис ва котиби комиссия имзо мегузоранд.

30. Қарори комиссия ба роҳбари ТҚМ ва роҳбари ТС пешниҳод карда мешавад ва барои татбиқи муҷозоти интизомӣ асос мегардад.

31. Роҳбари ТҚМ ва роҳбари ТС ҳуқуқ дорад қарори комиссия оид ба одобро асоснок, рад ё гузаронидани санҷишӣ такрориро таъин намояд.

32. Ба вазифаҳои комиссия дохил мешаванд:

- амалисозии назорати иҷрои муқаррароти Кодекси мазкур дар ТҚМ ва ТС;

- баррасии ҳолатҳои риоя нашудани муқаррароти Кодекси мазкур аз тарафи кормандон;

- машварат додан ба кормандони ТҚМ ва ТС оид ба масъалаҳои одоб;

- барои муайян кардани ҳолатҳои риоя нашудани талаботи Кодекси мазкур ва бархӯрди манфиатҳо гузаронидани санҷиши хизматӣ;

- таҳияи тавсияҳо барои муҳокима дар маҷлиси кормандони ТҚМ ва ТС, аз ҷумла дарҷ намудан дар варақаи аттестатсионии хизматӣ оид ба ҳолатҳои риоя нагардидани Кодекси мазкур ва ба эътибор гирифтан ҳангоми таъин кардан ба дигар мансаби хизматӣ ё барои татбиқи муҷозоти интизомӣ;

- доир намудани ҷаласаҳои комиссия;

- гирифтани баёноти шифоҳӣ ва хаттии кормандони дахлдор оид ба масъалаи баррасишаванда;

- бо тартиби муқарраргардида дастрас намудани ҳуҷҷатҳо, мавод ва иттилоот аз мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дахлдор;

- ба роҳбари ТҚМ ва роҳбари ТС манзур намудани пешниҳод оид ба татбиқи муҷозоти интизомӣ нисбат ба корманд;

- баррасии шикоятҳои кормандон нисбат ба қарорҳои комиссия;

- гузарондани чорабинии омӯзишии Кодекси мазкур;

- шарҳи муқаррароти Кодекси мазкур.

33. Вазифаҳои раиси комиссия:

- фаъолияти комиссияро ташкил менамояд ва онро роҳбарӣ мекунад;

- рӯзномаи ҷаласаи комиссияро муайян мекунад;

- ҷаласаи комиссияро даъват менамояд ва ба он раисӣ мекунад;

- кормандони мақомоти давлатиро, ки баррасии масъала ба ваколати онҳо мансуб аст, ба кори комиссия ҷалб менамояд;

- дар хусуси ворид намудан ба ҳайати комиссия ё бозхонди узви он ба роҳбари ТҚМ ва роҳбари ТС таклиф пешниҳод менамояд;

- ба ҳуҷҷатҳои комиссия ва протоколи ҷаласаи комиссия имзо мегузорад.

34. Вазифаҳои котиби масъули комиссия оид ба одоб:

- таъминоти таҳлилию иттилоотӣ, ташкилию ҳуқуқии фаъолияти комиссияро анҷом медиҳад;

- маводро барои баррасии парвандаҳои интизомӣ омода менамояд;

- маълумотро дар бораи ҳолатҳои риоя нагардидани меъёрҳои Кодекси мазкур мураттаб ва таҳлил менамояд;

- таҳияи тавсия оид ба такмили Кодекси мазкурро анҷом медиҳад;

- ҷиҳати хабардор намудани шахсоне, ки ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешаванд, дар бораи ҷой ва вақти гузаронидани маҷлиси комиссия тадбирҳо меандешад;

- аз шахсони мансабдор ва дигар субъектҳо мавод ва иттилооти дахлдорро, ки барои санҷиш заруранд, талаб менамояд;

- мутахассисон ва мушовиронро дар соҳаҳои дахлдор барои иштирок дар санҷиш ва додани хулоса ҷалб менамояд;

- кори комиссияро дар мувофиқа бо раиси комиссия ташкил мекунад;

- коргузории комиссияро пеш мебарад;

- кормандро бо маводе, ки баррасӣ мегарданд, на дертар аз 3 рӯз то оғози ҷаласаи комиссия шинос менамояд;

- протоколи ҷаласаи комиссияро тартиб медиҳад ва ба онҳо имзо мегузорад;

- кормандро бо қарори комиссия дар давоми 1 рӯзи корӣ ва қарори роҳбари ТҚМ ва роҳбари ТС дар давоми 3 рӯзи корӣ шинос менамояд;

- чорабиниҳои омӯзишии Кодекси мазкурро ба роҳ мемонад;

- фаъолияти комиссияро тарғиб менамояд.

35. Комиссияи одоб аз рӯи асосҳои зерин парвандаи интизомиро оғоз менамояд:

- бо пешниҳоди қарори роҳбари ТҚМ ва роҳбари ТС;

- бо дархости корманди ташкилот;

- аз рӯи муроҷиати истеъмолкунандагони хизматҳои молиявӣ;

- аз рӯи муроҷиати хаттии шаҳрвандон.

36. То баррасии парвандаи интизомӣ дар маҷлиси комиссия оид ба одоб комиссия мутобиқи тартиби муқарраргардида санҷиш гузаронида, ҳолатҳо ва маълумоти марбут ба парвандаро баррасӣ менамояд, аз шахсоне, ки ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешаванд, баёнот мегирад.

37. Комиссия санҷиши ҳолатҳои вайрон намудани талаботи Кодекси мазкурро тибқи тартибе, ки барои гузаронидани санҷиши хизматӣ муқаррар гардидааст, мегузаронад.

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

38. Риояи меъёрҳои Кодекси одоби касбии дохилии ТҚМ ва ё ТС ҳангоми гузарондани аттестатсия, баҳодиҳии фаъолият, иштирок дар озмун, таъини (интихоби) корманд ба вазифа, ҳангоми мукофотонидан, дохил кардан ба захираи кадрҳо барои ишғоли вазифаи нисбатан баландтар, додани тавсиянома, инчунин ҳангоми ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ба назар гирифта мешавад.

39. ТҚМ ва ТС метавонанд барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби касбии дохилии худ ба кормандон ҷавобгарии интизомӣ пешбинӣ намоянд.

| (номи воҳиди сохторӣ) | (шахси масъул) | (имзо) |
|---|---|---|
| МҲЗИХМ | Муродалиев Д.Ч. | [signature] |
| ТИТ | Мамадалиев Ф.С. | [signature] |
| РИЗ5 ва СКН | Болхов З.Ғ. | [signature] |
| ФНБ | Абдуллоев З.Ф. | [signature] |
| ИНС | Бобоев Б | [signature] |
| ФНП | Салохиддинов Ш.К | [signature] |
| ФАД | Боронов А.Ғ. | [signature] |

| | | |
|---|---|---|
| ФСМТР | Убайдуллоев Ф. | |
| (номи воҳиди сохторӣ) | (шахси масъул) | (имзо) |
| ДОТКТ | Бахриддинов Б.А. | |
| (номи воҳиди сохторӣ) | (шахси масъул) | (имзо) |
| ИСМ | Курбонмамедова Н. | |
| (номи воҳиди сохторӣ) | (шахси масъул) | (имзо) |
| ИБТТ | Норов М.Б. | |
| (номи воҳиди сохторӣ) | (шахси масъул) | (имзо) |
| комити Рӯҳсатӣ | Шарипова Н.Р. | |

Утвержден постановлением Правления
Национального банка Таджикистана
от 14 апреля 2025 года, №57

# Типовой рекомендательный кодекс профессиональной этики для кредитных финансовых организаций и страховых организаций

Типовой рекомендательный кодекс профессиональной этики для кредитных финансовых организаций и страховых организаций (далее - Кодекс) разработан с целью повышения уровня и качества этики и поведения работников кредитных финансовых организаций (далее - КФО) и страховых организаций (далее - СО) и устанавливает совокупность норм, принципов, правил служебного и неслужебного поведения, деловых отношений и обязанностей работников КФО и СО, отражающих их этические качества профессионального поведения и поведения в обществе, и выражающих общепризнанные моральные человеческие ценности.

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. В настоящем Кодексе используются следующие основные понятия:

**- конфликт интересов** – состояние личной заинтересованности, которое может повлиять объективному и беспристрастному выполнению служебных обязанностей;

**- служебное поведение** – поведение и отношение работника КФО и СО, проявляющиеся при принятии на работу и освобождении с работы, исполнении служебных обязанностей, участии в заседаниях и совещаниях, при нахождении в командировках и иных мероприятиях;

**- неслужебное поведение** – поведение и отношение работника КФО и СО, не имеющие отношения к исполнению служебных обязанностей, проявляющиеся во внерабочее время в обществе.

2. КФО и СО могут на основании и в соответствии с настоящим Кодексом разработать и принять свой внутренний Кодекс профессиональной этики.

3. Положения внутреннего кодекса профессиональной этики работников КФО и СО применяются по отношению ко всем работникам при исполнении ими служебных обязанностей, независимо от занимаемой должности.

4. Лица, принимаемые на работу в КФО и СО, будут ознакомлены с положениями внутреннего Кодекса профессиональной этики организации и руководствоваться его требованиями при осуществлении служебной и неслужебной деятельности.

## 2. ПРИНЦИПЫ ЭТИКИ РАБОТНИКА КФО И СО

5. Настоящий Кодекс основывается на принципах этики работника, вытекающих из принципов деятельности, и работник КФО и СО может осуществлять свою служебную и неслужебную деятельность на основе следующих принципов:

1) **законность** – точное соблюдение и полное исполнение норм Конституции Республики Таджикистан, законов и других нормативных правовых актов и международных правовых актов, признанных Таджикистаном;

2) **приоритет прав и свобод человека и гражданина** – обеспечение защиты и содействия в реализации прав и свобод человека и гражданина, а также проявление уважения к законным правам и интересам потребителей финансовых услуг, обратившихся в КФО и СО;

3) **преданность Родине и народу Таджикистана** – проявление чувства любви к Родине и народу Таджикистана, преданность политике Президента Республики Таджикистан и Правительства Республики Таджикистан, считать священным долгом защиту Родины, верное служение Родине и обществу Таджикистана, осознание гражданского и профессионального долга перед обществом и государством, полное и своевременное исполнение требований норм действующего законодательства;

4) **гуманизм и социальная справедливость** – уважительное отношение к человеку, его правам и свободам, являющимся высшей ценностью, действовать справедливо, добросовестно, обеспечение соблюдения социальной справедливости при принятии решений;

5) **прозрачность в процессе работы** – предоставление обществу прозрачной информации о деятельности КФО и СО, в том числе через средства массовой информации, за исключением сведений, составляющих государственные или иные, охраняемые законом, секреты;

6) **толерантность** – уважение и правильное понимание различных культур, поведений, обычаев, убеждений, религий, проявление уважения при общении с сотрудниками, посетителями, подчинёнными и общественностью;

7) **честность и бескорыстность** – осуществление эффективного управления, недопущение конфликта интересов, коррупционных действий, использование материально-денежных средств по назначению и для всеобщего блага, проявление бескорыстности при принятии решений;

8) **настойчивость** – строгое отношение и проявление ответственности в реализации функций КФО и СО и должностных обязанностей;

9) **профессионализм и компетентность работника КФО и СО** – наличие конкретных профессиональных знаний, квалификации, умений, навыков, организаторских, инициаторских, личных качеств, способности управления, навыков руководства, ответственности и опыта, являющиеся основой для успешного исполнения служебных обязанностей;

10) **нетерпимость к легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем, финансированию терроризма и финансированию**

**распространения оружия массового поражения и к другим противоправным действиям** – признание неприемлемой со стороны КФО и СО, их работников легализации (отмывания) доходов, полученных преступным путем, финансирования терроризма и финансирования распространения оружия массового поражения, во всех формах проявления, а также принятие необходимых мер для их пресечения;

**11) служебное продвижение работника на основе способностей, таланта, профессиональной подготовки и квалификационных требований** – назначение (избрание) на другую должность или на высшую должность без допущения семейственности, местничества и покровительства, как проявления коррупционных деяний;

**12) корпоративное управление** – совокупность отношений между руководящими работниками КФО и СО, их Наблюдательным советом, акционерами и другими заинтересованными сторонами, служащих в качестве механизма определения целей организации и контроля их достижений, оказывающих содействие правильному распределению полномочий и ответственности в процессе принятия решений в КФО и СО.

6. Настоящий Кодекс основывается и на других предусмотренных нормативными правовыми актами принципах и установленных нормах поведения.

## 3. ОСНОВНЫЕ ПРАВИЛА СЛУЖЕБНОГО И НЕСЛУЖЕБНОГО ПОВЕДЕНИЯ РАБОТНИКА КФО И СО

7. Работник КФО и СО должен:

- признавать, уважать, соблюдать и защищать права и свободы человека и гражданина, уважительно относиться к истории своей страны, национальным обычаям, традициям и культуре, ставить интересы государства выше личных интересов и быть внимательным и ответственным в отношении обращений граждан;

- не быть зависимым от влияния отдельных граждан, социальных групп, политических партий и общественных организаций;

- принимать меры в соответствии с законодательством Республики Таджикистан для предотвращения конфликта интересов, регулирования случаев возникновения конфликта интересов и исключения действий, связанных с влиянием личных, имущественных (финансовых), коммерческих и иных интересов, препятствующих добросовестному выполнению служебных обязанностей;

- быть внимательным и вежливым по отношению к потребителям финансовых услуг, относиться к ним толерантно при обращении, объяснять им порядок рассмотрения обращения и требования соответствующего законодательства и принимать решения в пределах своей компетенции;

- воздерживаться от заявлений и изложения мнений по поводу оценки деятельности КФО и СО, их руководства, если это не связано со служебными обязанностями работника КФО и СО;

- эффективно использовать и управлять ресурсами, находящимися в пределах своей ответственности;

- соблюдать требования к ношению протокольной одежды.

8. Работник КФО и СО должен обладать образцовыми манерами, поведением и этикой.

9. Председатель правления КФО и руководитель СО предпринимают необходимые меры для создания соответствующих условий работы для работника, при выборе и расстановке кадров не должны допускать семейственность, местничество и покровительство, как проявления коррупционных деяний.

10. При разработке внутреннего кодекса профессиональной этики со стороны КФО и СО для их работников могут быть определены следующие обязанности:

- отличаться высокой культурой поведения, аккуратной внешностью, честностью и добросовестностью, благовоспитанностью, скромностью в личной и общественной жизни;

- соблюдать требования законов Республики Таджикистан "Об упорядочении торжеств и обрядов в Республике Таджикистан", “Об ответственности за обучение и воспитание ребёнка” и “О патриотическом воспитании граждан” и иных нормативных правовых актов Республики Таджикистан и обеспечить их соблюдение членами семьи;

- оказать содействие соблюдению всех норм, честно, бескорыстно и качественно выполнять работу с целью укрепления авторитета КФО и СО, без унижения чести и достоинства работника КФО и СО;

- стараться образцовым поведением в рабочее и во внерабочее время заслужить уважение граждан к своей профессии и способствовать повышению доверия к банковской и страховой системе и сохранению её репутации;

- осторожно и серьёзно относиться к формированию круга общения, сторониться связей, порочащих честь и достоинство работника КФО и СО;

- следовать здоровому образу жизни и проявлять заботу к охране здоровья, физическому, духовному и нравственному развитию своих детей;

- не допускать неприличных выражений и неуважительных жестов при общении с коллегами и клиентами, проявлять доброжелательность и уважение к старшим и окружающим;

- осуществлять свою профессиональную деятельность таким образом, чтобы не ставить под сомнение свои навыки, работать добросовестно и бескорыстно, не порочить честь и не подрывать авторитет работников организации.

11. В общении с гражданами и клиентами работник КФО и СО должен проявлять вежливость, внимательность и терпимость.

## 4. ДЕЛОВЫЕ ОТНОШЕНИЯ

12. Каждый работник КФО и СО должен проявлять уважение к работе и своим коллегам и готовность разделить их общие успехи и неудачи.

13. Работник КФО и СО не должен допускать неприличных выражений и неуважительных жестов при общении с потребителями и гражданами, проявлять доброжелательность и уважение к старшим и окружающим.

14. Считается целесоообразным предусмотреть следующие нормы во внутренних кодексах профессиональной этики КФО и СО:

Работник КФО и СО обязан соблюдать следующие нормы деловых отношений:

- проявлять высокую ответственность при исполнении своих служебных обязанностей и стремиться к постоянному повышению своего профессионального уровня;
- применять на практике знаний, полученных в семинарах и обучающих курсах, конференциях и иных обучающих мероприятиях и принять меры для передачи этих знаний коллегам по работе;
- налаживать хорошие и близкие отношения с коллегами в пределах своей компетенции;
- проявлять требовательность и ответственность к себе и другим при исполнении служебных обязанностей и соблюдении требований других нормативных правовых актов;
- стремиться помогать коллегам и руководству, а также обратиться к ним при решении рабочих вопросов;
- действовать в соответствии с должностными инструкциями и законами при общении с пользователями финансовых услуг в пределах своей компетенции и функциональных обязанностей, в решении сложных задач проявлять выдержку и такт;
- стремиться быть исполнительным и дисциплинированным, своевременно и качественно выполнять свои обязанности и поручения руководства;
- владеть государственным языком на должном уровне и проявлять стремление к изучению русского, английского и других иностранных языков, необходимых для исполнения им служебных обязанностей;
- сохранить конфиденциальность секретной информации и иной информации, являющейся банковской и страховой тайной.

15. КФО и СО в своей деятельности не должны допускать легализацию (отмывание) доходов, полученных преступным путем, финансирование терроризма и финанасирование распространения оружия массового поражения в любых формах проявления. Работники КФО и СО беспрекословно выполняют требования законодательства Республики Таджикистан в сфере легализации (отмывания) доходов, полученных преступным путем, финансирования терроризма и финансирования распространения оружия массового поражения.

## 5. ОСНОВНЫЕ ОБЯЗАТЕЛЬСТВА ПО ОТНОШЕНИЮ К ПОТРЕБИТЕЛЯМ ФИНАНСОВЫХ УСЛУГ

16. При подготовке внутреннего Кодекса профессиональной этики КФИ и СО будет целессобразным предусмотреть следующие нормы:

При общении с потребителями финансовых услуг, работник КФО и СО должен соблюдать следующие правила:

- не допускать суеверие и волокиту;
- строить отношения с потребителями финансовых услуг на основании взаимодоверия путем заключения договоров;
- использовать единую общепринятую терминологию и строить отношения на основании этикета и коммерческого партнерства;
- обеспечивать соответствие финансовых услуг действующему законодательству Республики Таджикистан;
- представлять полную необходимую информацию о предоставляемых услугах и продукции и способствовать решению вопросов, представляющих трудности для потребителей финансовых услуг;
- своевременно и всесторонне рассматривать обращения потребителей финансовых услуг.

## 6. ПОРЯДОК ОРГАНИЗАЦИИ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ КОМИССИИ ЭТИКИ РАБОТНИКОВ КФО И СО

17. Контроль соблюдения настоящего Кодекса в КФО и СО осуществляется комиссией этики работника КФО и СО (далее -комиссия).

18. Комиссия по этике учреждается приказом или распоряжением председателя правления КФО и руководителя СО в числе председателя правления и руководителя (заместителя председателя правления КФО и руководителя СО), секретаря и членов комиссии в составе 3-5 человек за счет работников соответствующих структур (юридического управления и работников, внутреннего аудита, отдела безопасности) и комитета профессионального союза работников и осуществляют свою деятельность в порядке, установленном настоящим Кодексом.

19. Председатель комиссии избирается за счет других руководящих работников КФО и СО, за исключением председателя правления КФО и руководителя СО.

20. Член комиссии принимает участие в заседании без права замены.

21. Комиссия проводит заседание по следующим основаниям:

- поручение председателя правления КФО и руководителя СО;
- обращение работника;
- письменное обращение потребителей финансовых услуг и граждан;
- при выявлении комиссией случаев нарушения требований настоящего Кодекса.

работнику;

- рассмотрение жалоб работников на решения комиссии;

- проведение обучающих мероприятий по настоящему Кодексу;

- разъяснение положений настоящего Кодекса.

33. Обязанности председателя комиссии:

- организует работу комиссии и руководит ею;

- определяет повестку заседаний комиссии;

- созывает заседание комиссии и председательствует на нем;

- привлекает к работе комиссии сотрудников государственного органа, к компетенции которых относится рассматриваемый вопрос;

- вносит предложения председателю правления КФО и руководителю СО о включении в состав комиссии или отзыве ее членов;

- подписывает документы комиссии и протокол заседания комиссии.

34. Обязанности ответственного секретаря комиссии по этике:

- осуществляет аналитико-информационное, организационно-правовое обеспечение деятельности комиссии;

- подготавливает материалы для рассмотрения дисциплинарных дел;

- готовит и анализирует материалы о случаях несоблюдения норм настоящего Кодекса;

- разрабатывает рекомендации по совершенствованию настоящего Кодекса;

- предпринимает меры для оповещения лиц, привлекаемых к дисциплинарной ответственности, о месте и времени проведения заседания комиссии;

- требует у должностных лиц и иных субъектов соответствующие материалы и сведения, необходимые для проведения проверки;

- привлекает специалистов и советников соответствующих сфер для участия в проведении проверки и дачи заключения;

- организовывает работу комиссии по согласованию с председателем комиссии;

- ведет делопроизводство комиссии;

- ознакамливает работника с рассматриваемыми материалами не позднее 3 дней до начала заседания комиссии;

- составляет и подписывает протокол заседания комиссии;

- ознакамливает работника с решением комиссии в течение 1 рабочего дня и с решением председателя правления КФО и руководителя СО в течение 3 рабочих дней;

- организовывает учебные мероприятия настоящего Кодекса;

- пропагандирует деятельность комиссии.

35. Комиссия по этике возбуждает по следующим основаниям дисциплинарное дело:

- по представлению решения председателя правления КФО и руководителя СО;

- по заявлению работника организации;

- по обращению потребителей финансовых услуг;
- по письменному обращению граждан.

36. Проводит проверку до рассмотрения дисциплинарного дела в заседании комиссии по этике со стороны комиссии в установленном порядке, и рассматривает случаи и информацию по делу, получает от лиц, привлекаемых к дисциплинарной ответственности, объяснитетельную.

37. Комиссия проводит проверку случаев нарушени требований настоящего Кодекса согласно порядку, установленному для проведения служебного расследования.

## 7. ЗАКЛЮЧИТЕЛЬНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ

38. Соблюдение норм внутреннего Кодекса профессиональной этики КФО и СО учитывается при проведении аттестации, оценке деятельности, участии на конкурсах, назначении (избрании) работника на должность, премировании, включении в резерв кадров для замещения вышестоящей должности, подготовке рекомендаций, а также при привлечении к дисциплинарной ответственности.

39. КФО и СО могут предусматривать дисциплинарные взыскания к своим работникам за несоблюдение требований внутреннего Кодекса профессиональной этики.